# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Умаров Зухриддин Тоштемирович дар мавзуи “Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла, шаклу мундариҷа, доираи мавзуъ, фарогирии аудитория ва амсоли инҳо дар низоми матбуоти тоҷик мақом ва ҷойгоҳи худро соҳиб аст. Ин нашрияҳо, ки таърихи 100-сола доранд, дар замони рушду тавсеаи муносибатҳои дӯстиву бародарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон зарурати омӯзиш ва таҳқиқи илмии таърихи пайдоиш, ташаккул, инкишоф, ҳамзамон, саҳм гузоштани онҳо дар рушди муносибатҳои халқу миллатҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, кори диссертатсионии Умаров Зухриддин Тоштемирович аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои таҳқиқнашудаи рӯзноманигории муосир – “Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон” бахшида шудааст.

Аз автореферати кори диссертатсионӣ бармеояд, ки диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку маърифат намуда, бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба шакл даровардааст. Муҳиммияти мавзуъ ва дараҷаи таҳқиқи он дар муқаддимаи диссертатсия баён гардидааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети он, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарию методологии он, навгонии илмии кор ва коркарду тасвиби натиҷаҳои амалии таҳқиқ баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои пайдоиши рӯзномаҳои ӯзбекзабон дар Тоҷикистон»** унвон дошта, аз фаслҳои «Таъсиси нахустин нашрияҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ» ва ««Қизил Тожикистон»

- аввалин рӯзнома бо забони ӯзбекӣ» таркиб ёфтааст. Дар боби мазкур доир ба пайдоиш ва ташаккули аввалин рӯзномаҳо бо забони ӯзбекӣ дар Тоҷикистон маълумоти дақиқ ироа гардида, давраҳои инкишофи онҳо нишон дода шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки заминаҳои пайдоиши матбуот дар Бухорову Туркистон ва баъдан дар Тоҷикистон ба замони ба фаъолият шуруъ намудани матбуоти русии Туркистон – "Туркестанские ведомости" ва замимаи он бо забони ӯзбекӣ "Туркистон вилоятининг газети" рост меояд. Зеро рӯзномаҳои мазкур вазифаи тарғиби сиёсати Россияи подшоҳиро дар қаламрави Туркистон ба зимма доштанд. Аммо омӯзиши таърих собит месозад, ки маҳз рӯзномаи "Бухорои шариф" ба сифати сарогози матбуоти сирф миллии тоҷикӣ ва рӯзномаи "Тараққӣ" ҳамчун нашрияи аввалини миллии ӯзбекӣ шинохта шудааст.

Ҳамчунин, дар ин боб ва фаслҳои он диссертант ба омӯзишу таҳқиқи таъсиси нахустин нашрияҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ - "Бухорои шариф", "Тараққӣ", "Тӯрон", "Қизил нишон", "Пролетар ҳақиқати", "Ленин йӯли", "Коммунизм учун", "Колхозчи", "Пахта учун", "Қизил байроқ", "Ҳосил учун" ва "Қизил Тожикистон" машғул шуда, махсусияти фаъолияти онҳоро таҳлил намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Истиқлолият ва рушди нашрияҳои даврии ӯзбекзабон»** ном дошта, фарогири фаслҳои «Таҳаввули рӯзномаҳои вилоятии ӯзбекзабон дар замони муосир», «Пайдоиш ва инкишофи нашрияҳои ғайридавлатии ӯзбекзабон» ва ««Замондош» - намунаи нашрияҳои ӯзбекзабони замони Истиқлол» мебошад. Дар ин боб ва фаслҳои он масъалаҳои вобаста ба ташаккули нашрияҳои давлатию ғайридавлатии ӯзбекзабон – "Суғд ҳақиқати", "Дӯстлик", "Элчи", "Ҳақ сӯз", "Замондош" ва чанде дигар мавриди омӯзиш, таҳлил ва пажуҳиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Мавқеи жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии ӯзбекзабон»** ном дошта, фасли якуми он "Вижагиҳои жанрӣ ва мавзуӣ" ва фасли дуюм "Инъикоси мавзуъҳои мубрами рӯз дар

қолаби жанрҳои публитсистӣ” номгузорӣ шудааст. Диссертант дар боби мазкур бештар маводи дар нашрияи “Замондош” ва нашрияи “Халқ овози” нашршударо аз нигоҳи жанрӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Зимни таҳлилу таҳқиқ диссертант ба чунин хулоса расидааст, ки заминаҳои пайдоиши нашрияҳои ӯзбекзабон дар Тоҷикистон, аз як ҷиҳат таъмини аҳолии ӯзбекзабон бо иттилоот бошад, аз ҷониби дигар, тарғиби сиёсати Давлату Ҳукумат ва муттаҳид сохтани мардум мебошад.

Дар баробари ин, хулосаи диссертатсия дар 15 банд пешниҳод гардидааст ва тавсияҳои муҳаққиқ аҳамияти назарию амалӣ доранд.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ, ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намудааст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳамдигар пайванди мантиқӣ доранд.

Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат бештари маълумоти оморӣ аз нашрияҳои “Замондош” ва “Халқ овози” оварда шудааст ва диссертант дар як ё ду сархат фаъолияти дигар нашрияҳои ӯзбекзабонро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мегарданд, ба риштаи таҳлил мекашид, ба манфиати кор мебуд.

2. Хуб мешуд, диссертант дар фасли дуюми боби сеюм, ки ба “Инъикоси мавзуъҳои мубрами рӯз дар қолаби жанрҳои публитсистӣ” бахшида шудааст, дар баробари жанри мақола ба дигар жанрҳои публитсистӣ таваҷҷуҳ менамуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоию грамматикӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши илмии пажуҳишро паст намекунанд ва автореферати диссертатсияи Умаров Зухриддин

Тоштемирович дар мавзуи “Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон” муҳтавои корро фаро мегирад.

Диссертатсияи Умаров Зухриддин Тоштемирович дар мавзуи “Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон” аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз**

номзади илми филология,
сармуҳаррири Нашрияи
рӯзномаи «Омӯзгор»
2 апрели соли 2024. Сафарзода Э.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ, 126.
Тел.: (+992) 946-40-40-40
E-mail: ehson.89@mail.ru

Имзои Сафарзода Эҳсонро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Толибова Р.
2 апрели соли 2024.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ, 126.
Тел.: (+992) 225-81-55
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj